Эй Аббос, эй амаки Расули Аллоҳ, аз Худованд офиятро дар дунё ва охират бихоҳ

Аз Аббос ибни Абдулмутталиб (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Эй Расули Худо, маро чизе биёмӯз, ки онро аз Аллоҳ Азза ва Ҷалла бихоҳам. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Аз Худованд офият (саломатӣ ва осоиштагӣ)-ро бихоҳ." Баъд аз чанд рӯз боз омадам ва гуфтам: Эй Расули Худо, чизе ба ман биёмӯз, ки аз Худованд талаб кунам. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ман фармуд: "Эй Аббос, эй амаки Расули Аллоҳ, аз Худованд офиятро дар дунё ва охират бихоҳ."

[Саҳеҳ лиғайриҳи] [رواه الترمذي وأحمد]

Амаки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), Аббос ибни Абдулмутталиб (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дархост кард, ки дуоеро ба ӯ биомӯзад, то онро аз Худо талаб кунад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ омӯхт, ки аз Худо офият ва саломатӣ аз балоҳо ва офатҳо дар дунё ва охират бихоҳад. Аббос мегӯяд: Баъд аз чанд рӯз боз назди ӯ омадам ва боз дуое хостам, то аз Худо бихоҳам. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бо меҳрубонӣ ба ӯ фармуд: Эй Аббос, эй амаки Расули Худо, аз Худо офият бихоҳ. Яъне, наҷот аз ҳар бадӣ ва дарёфти ҳар хайру неъмат дар дунё ва охират.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/2932